**Суратҷаласаи №33-и**

маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-067 назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик ва 10.01.09 - Фолклоршиносӣ)

аз 18 сентябри соли 2024

**Иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 13 нафар,
аз рӯйи ихтисос 5 нафар

18 сентябри соли 2024, соати $15^{30}$ дар толори шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21) маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-067 баргузор гардид.

**Раиси маҷлис:** доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои филологӣ Мухамедходжаева Р.

РӮЗНОМА:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи **Юсупова Мусабе Исломовна** дар мавзуи “Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда” барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик ва 10.01.09 - Фолклоршиносӣ).

Гузориши раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, Шарифзода Ф. шунида шуд.

Диссертатсия дар кафедраи адабиёти муосири тоҷики Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” иҷро шудааст.

**Роҳбари илмии** довталаби дараҷаи илмӣ доктори илми филология, профессори кафедраи адабиёти муосири тоҷики Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” **Мирзоюнус Матлуба** мебошад.

**Муқарризони расмӣ**:

1. **Қосимӣ Саъдӣ Абдуқодир** – доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон;

2. **Бобоалиева Зебонисо Пирмуродовна** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Котиби илмии шуро дар бораи довталаби дараҷаи илмӣ ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда маълумот дод.

Гузориши Юсупова Мусабе Исломовна оид ба муҳтаво ва натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ шунида шуд.

Диссертант ба саволҳои аъзои шуро, докторони илмҳои филологӣ – С.Раҳматуллозода , У. Юсуфов ва В. Охониёзов ҷавоб дод.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илми филология, профессори кафедраи адабиёти муосири тоҷики Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” **Мирзоюнус Матлуба** тақризашро пешниҳод намуд.

Котиби илмии шуро матни тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшударо хонд.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба эродҳои тақризи муассисаи пешбар ва тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда ҷавоб дод.

Гузориши муқарризони расмӣ – **Қосимӣ Саъдӣ Абдуқодир** – доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ва **Бобоалиева Зебонисо Пирмуродовна** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода шунида шуд.

Ба эродҳои муқарризони расмӣ диссертант ҷавоб дод.

Докторони илмҳои филологӣ А.Ҳакимов, Р. Раҳмонов, В. Охониёзов ва Б. Мақсудзода ба ҳайси муқарризи ғайрирасмӣ сухан карда, диссертатсия, автореферат ва дастоварду натиҷаҳои илмии довталабро баррасӣ намуданд.

Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ интихоб гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – доктороии илмҳои филологӣ С.Назарзода, Б. Мақсудзода ва В. Охониёзов интихоб гардиданд.

Аз 16 нафар узви шуро 13 нафар ҳузур доштанд: аз инҳо 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест , бетараф – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Юсупова Мусабе Исломовна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қабул гардид.

**ҚАРОРИ**
**шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ**

**аз 18.09.2024** **ш. Душанбе**

Гузориши Юсупова Мусабе Исломовна дар мавзуи “Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик ва 10.01.09 - Фолклоршиносӣ), тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, гузориши муқарризони расмӣ – **Қосимӣ Саъдӣ Абдуқодир** – доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон, **Бобоалиева Зебонисо Пирмуродовна** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илмҳои филологӣ А. Ҳакимов, Р. Раҳмонов, В. Охониёзов ва Б. Мақсудзода шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ,

хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Юсупова Мусабе Исломовна

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Юсупова Мусабе Исломовна дар мавзуи "Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик ва 10.01.09 - Фолклоршиносӣ) ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба Юсупова Мусабе Исломовна дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик ва 10.01.09 - Фолклоршиносӣ) дода шавад.

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои филологӣ ба Юсупова Мусабе Исломовна аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 13 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Мухамедходжаева Р.

18.09.2024